«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Данғара"
_______________н.и.т., д.и.п. Шоҳиён Н.Н.
«_15_» ___11___________с. 2021

ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеи муштараки кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" ва кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" ба диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти мосири тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод гардидааст.

Бинобар норасоии потенсиали илмӣ дар Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" ҷиҳати экспертизаи диссертатсияи мазкур ва тадбиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафедра мутахассисони соҳавиро аз Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" даъват намуд.

Диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти мосири тоҷик» дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» анҷом шудааст.

Муаллифи диссертатсия саромӯзгори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад.

Мавсуф соли 1984 Донишгоҳи омӯзгории ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Кӯлобро аз рӯйи ихтисоси педагогика ва методикаи омӯзиши ибтидоӣ бо касби омӯзгори синфҳои ибтидоӣ хатм намудааст.

Солҳои 2017-2020 унвонҷӯи кафедраи забон ва адабиёти тоҷик аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва таърихи адабиёт буд.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти классикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Нуров Нуралӣ Норович мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 01.02.2021, суратмаҷлиси №7 тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ (забони хориҷӣ – бо баҳои «аъло», аз 17.04.2020; таърих ва фалсафаи илм – бо баҳои «аъло», аз 25.12.2020) аз тарафи Донишгоҳи давлатии Данғара дода шудааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия ба таҳқиқу пажӯҳиши мавзуи “Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти мосири тоҷик” бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия чунин иброз медорад, ки таваҷҷуҳ ба адабиёти гузаштаи мо баёнгари он аст, ки ёддошт ҳамчун жанри мустақили адабӣ аз дергоҳи таърих ҷойгоҳи хоссае доштааст. Дар адабиёти классикии тоҷикӣ баъд аз “Сафарнома”-и Носири Хусрав, “Бадоеъ- ул- вақоеъ”-и Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ, “Туҳафи аҳли Бухоро”-и Мирзо Сироҷи Ҳаким, “Наводир - ул - вақоеъ”-и Аҳмади Дониш, “Бадоеъ - ус - саноеъ”-и Шамсиддин Шоҳин, “Савонеҳ – ул - масолик”-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва монанди инҳо осоре ба қалам омадаанд, ки ҳам унсури сафарномаро доро буданду ҳам асарҳои ёддоштӣ ба шумор мераванд. Инчунин, унвонҷӯ баён медорад, ки ҳарчанд сайри таърихии таҳаввули жанри ёддошт ба таври алоҳида мавриди пажӯҳиши муҳаққиқон қарор нагирифтааст, аммо мақсади мо дар диссертатсия муайян кардани мавқеи асарҳои насрии ҷанбаи ёддоштидошта дар эҷодиёти Убайд Раҷаб

мебошад. Ба ҳамин хотир, таҳқиқи мавзуи мазкур дар адабиёти муосири тоҷик зарурӣ ва аз манфиат холӣ нест.

Аз баррасии диссертатсияи Давлатов У.М. таҳти унвони «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти мосири тоҷик» мушаххас мегардад, ки муаллиф ба мабоҳиси таҳқиқталаби адабиёти муосири тоҷик, яъне жанри ёддошт, рӯй овардааст, ки ин саҳифаи тозае дар адбиётшиносии тоҷик мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Ҳадафи таҳқиқ.** Муаллифи диссертатсия дар назди худ мақсад гузоштааст, ки дар зимни шиносоӣ бо адабиёти рус, Осиёву Аврупо ва дар асоси омӯзиш ва пажӯҳиши адабиёти классикии тоҷикӣ-форсӣ нуқтаи назари худро оид ба заминаҳои суннатии ёддоштнависӣ аз нигоҳи мазмун, шакл, анъана ва навоварӣ баён намояд. Дар ин замина, ҳадафи аслии таҳқиқот муайян намудани нақш ва мақоми Убайд Раҷаб дар инкишофи жанри ёддошт ва бозтоби махсусиятҳои сабкӣ ва мавзуии он дар осори насрии ӯ ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, диссертант ба омӯзиш ва пажӯҳиши ин мавзуи муҳимми насри муосири адбиёти тоҷик иқдом варзида, ҳалли илмии масоили зеринро ҳадафи асосии тадқиқоти хеш қарор додааст:

- муайян кардани анъанаҳои суннатии ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик, ки аз адабиёти классикии форсу тоҷик, русу ИДМ маншаъ гирифтаанд;
- баррасии мазмун ва шакли ёддоштнависӣ дар осори Убайд Раҷаб ва алоқаи он ба адабиёти классикию шифоҳӣ;
- таҳқиқ дар фаъолияти нависандагии Убайд Раҷаб ва анвои жанрии осори ёддоштии ӯ;
-таъйини мавқеи ёддошт дар эҷодиёти Убайд Раҷаб;
-таваҷҷуҳ ба фаъолияти родмардони ботаҷрибаи ҳифзи ҳуқуқ дар насри Убайд Раҷаб дар мисоли ҳикоя ва қиссаҳои воқеии китоби “Марди майдони талош”;
- таҳлили хусусиятҳои ғоявӣ, мавзӯӣ ва услубии ёддоштҳои Убайд Раҷаб;

-муайян кардани шинохти чеҳраҳои фарҳангӣ, ҳозирҷавобӣ, ҷузъиётбинӣ, инсондӯстӣ дар насри Убайд Раҷаб;

- чеҳраи адабӣ ва фарҳангии Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар насри Убайд Раҷаб ва накши нависанда дар эҷоди шахсияти адабии ӯ;

- таҳкику баррасии вежагиҳои забонӣ ва сабки осори насрии Убайд Раҷаб.

**Объекти таҳқиқотро** баррасии хусусиятҳои ёддошт ва анъанаи ёддоштнависӣ дар таркиби осори насрии Убайд Раҷаб ташкил медиҳад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия бори аввал ба насри ёддоштии адабиёти навини тоҷик аз диди дигар ва дар асоси эҷодиёти як нафар адиб рӯй оварда, падидаҳои нав ва суннатҳои хоси онро дар таркиби осори насрии ӯ мавриди баррасӣ қарор додем. Бо такя ба адабиётшиносии рус ва нависандагони Шарқу Ғарб ба чунин хулоса омадем, ки насри ёддоштии мо аз адабиёти классикӣ, рус ва Шарку Ғарб баҳра бардоштааст. Бори аввал, таҳқиқ дар атрофи чунин мавзуъ на танҳо дар муайян намудани яке аз чеҳраҳои адабии насри ёддоштии тоҷик – Убайд Раҷаб аҳаммият дорад, балки дар шинохти таърихи ёддоштнависӣ дар фосилаҳои муайяни замонӣ- садаи бист мусоидат намуд. Ҳамчунин, барраси мавзуъ имконият медиҳад, ки дар масъалаи ташаккул ва таҳаввули жанри ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик, навгониҳои падидомада дар мавзуъ, мундариҷа ва забону услуби он тасаввури возеҳ пайдо карда шавад. Ҳамзамон, таҳқиқи осори насрии Убайд Раҷаб аз нигоҳи мазмун, шакл, анъана ва навоварӣ, коргоҳи эҷодӣ, забон ва бадеият дар диссертатсия махсус таъкид гардидааст.

**Арзиши назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ба масъалаҳои камтаҳқиқи марбут ба фаъолияти нависандагии Убайд Раҷаб рӯшанӣ андохта, дар омӯзиши осори насри бадеии ӯ, алалхусус, ёддоштҳои вай маводи зарурӣ дода метавонад. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада дар омӯзиши насри ёддоштии тоҷик ва марҳилаҳои таҳаввули ин жанр, тағйироти падидомада дар мавзуъ,

мундарича ва сабки насри ёддоштӣ дар садаи бистум мусоидат карда метавонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқи мазкурро метавон дар таълифи таърихи мухташами адабиёти муосири тоҷик, таълифи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурд. Аз маводи диссертатсия ҳангоми омода сохтани курси лексияҳо дар адабиёти муосири тоҷик, гузаронидани семинару курсҳои махсус дар мавзуъҳои «Ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик», «Назария ва амалияи жанри наср» дар факултетҳои филологияи тоҷики мактабҳоли олӣ метавон истифода бурд. Инчунин, аз натиҷаҳои бадастомада омӯзгорон ҳангоми хондани курсҳо ва семинарҳои махсус дар факултетҳои филология метавонанд истифода баранд ва кафедраҳои марбут ба факултетҳои филологӣ номгӯйи мавзуъро метавонанд ба сифати фанни электививӣ ба нақшаҳои таълимӣ ворид намоянд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар адабиёти марҳилаи нави тоҷик, шуруъ аз қарни XX бо кӯшиши устод Садриддин Айнӣ давраи нави ташаккули ёддоштнависӣ огоз ёфта, истиқлоли он аз нигоҳи шеваи нигориш ба сатҳи нав расид. То ҷое фарқиятҳои куллии он аз навъи сафарномаҳо ба таври барҷаста ошкор гардид.
2. Убайд Раҷаб солҳои 90-уми қарни XX ба ёддоштнависӣ оғоз карда, барои инкишофи навъи мазкури саҳми худро гузоштааст. Аз ин рӯ, бегумон ӯ низ яке аз нависандагони давомдиҳандаи анъанаи ёддоштнависии устод Садриддин Айнӣ ба шумор меравад.
3. Марҳилаи нахустини ёддоштнигории Убайд Раҷаб бо қиссаҳои «Марди майдони талош», «Зинда ба ишқ», «Душ будам ҳамнишин» оғоз гардида, муҳимтарин вежагиҳои сабкӣ ва мавзуии жанри ёддошт дар онҳо таҷассум ёфтаанд.
4. Ёддоштнависӣ дар эҷодиёти Убайд Раҷаб асосан ба сурати корбурди жанрҳои ҳикоя ва қисса ҷараён гирифтааст. Ба таъбири дигар, Убайд Раҷаб барои идомаи суннати ёддоштнависӣ қолабҳои жанрии ҳикоя ва қиссаро ба кор бурдааст.

5. Осори Убайд Раҷаб бо забонҳои гуногуни дунё чун русӣ, англисӣ ва дигар забонҳои ИДМ тарҷума ва нашр шудаанд, ки ин матлаб аз арзиш ва аҳамияти осори тарҷумаиҳолӣ ва ёддоштии ӯ дарак медиҳанд.

6. Убайд Раҷаб бо ду хусусияти муҳимми қиссаҳои ёддоштии худ – арзишҳои ахлоқию тарбиявӣ ва таълимию маърифатии онҳо дар таҳаввули жанри ёддошт дар таърихи адабиёти муосири тоҷик мақоми устувор пайдо кардааст.

7. Ёддоштнависӣ дар эҷодиёти Убайд Раҷаб аз лиҳози мавзӯъ, мундариҷа ва сабки таълиф дорои равиши хосси худ буда, ин амр аз талошу кӯшишҳои вай барои ташаккули ин навъи адабӣ дарак медиҳад.

8. Убайд Раҷаб, қабл аз ҳама, шоири бачагона буда, маҳз ба василаи киссаю ҳикояҳои бачагона ва ёддоштиаш дар таърихи адабиёти муосир мақоми устувор пайдо кардааст.

9. Дар идомаи роҳи эҷодии Садриддин Айнӣ ва дигар адибон Убайд Раҷаб низ дар ёддоштҳои хеш қиссаҳо аз рӯзгору осори адибони ҳамзамони хешро ривоҷ бахшидааст, ки симои устод Мирзо Турсунзода дар меҳвари онҳо қарор дорад.

Мазмуни асосии диссертатсия дар (7) мақола, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми ФР ба нашр расиданд, ифодаи худро ёфтааст.

Муаллиф, инчунин оид ба баъзе паҳлуҳои мавзуи мазкур дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ солҳои (2017-2021) гузориш додаст.

1. Ҳусейнзода Ф., Давлатов, У.М. Ёддошти воқеӣ аз корнамоии як афсари зиндаёди тоҷик / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №3. – С. 243-250.

2. Ҳусейнзода Ф., Давлатов, У.М. Инъикоси ваҳдат ва ободгарӣ дар адабиёти атфоли тоҷик / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – №2. – 205-209.

3. Давлатов, У.М. Таҳқиқи ёдкардаҳои Убайд Раҷаб дар бораи устод Мирзо Турсунзода дар китоби Зинда ба ишқ / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. –2019– №3. – С. 281-287.

4. Давлатов, У.М. Садоқати баён ва вижагиҳои муҳимми ёддоштнависӣ / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. –2020. – №3. – С. 207-212.

5. Давлатов, У.М. Маком ва ҷойгоҳи адибон дар ёддштҳои Убайд Раҷаб / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Маҷаллаи илмӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ – 2021– №1/492 – С. 36-38.

6. Давлатов, У.М. Симои воқеӣ ва адабии Мирзо Турсунзода дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб. Конференсияи илмӣ-назариявии ҷойгоҳи Мирзо Турсунзода ва Лоиқ Шералӣ дар адабиёти навини тоҷик. Нури маърифат, Хуҷанд, 2021 С.80-84.

7. Давлатов, У.М. Вижагиҳои сабкӣ ва тарзи баёни Убайд Раҷаб дар жанри ёддоштӣ / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Маҷаллаи илмӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ –2022– №1/2 – С. 45-47.

Ҳангоми муҳокимаи диссертатсияи Давлатов У.М. аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба баъзе навоқис ишора шуд, ки онҳо истифодаи осори назарии донишмандони бурунмарзӣ, ки ба мавзуъ оиданд, ҷо доштани ғалатҳои имлоиву китобатӣ ва техникӣ, тибқи талабот дуруст намудани рӯйхати адабиёт иборат мебошанд.

Бо дарназардошти эътирофи ин норасоиҳо ва бартараф намудани онҳо аз ҷониби муаллифи диссертатсия ҷаласаи муштараки кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" ва кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав"

диссертатсияи мазкурро аз ҷиҳати асолат ва муҳтаво чун кори илмии мукаммал ва анҷомёфта эътироф менамояд.

Диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" ва кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" *(суратмаҷлиси №3, аз 9-уми ноябри соли 2021)* қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар докторон ва номзадони илм. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор – 15 нафар», «муқобил – нест», «бетараф – нест».

**Раиси маҷлис,** н.и.ф., дотсент,
мудири кафедраи забон ва адабиёти
тоҷики Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Данғара": Қодиров Д.С.
Мудири кафедраи адабиёти тоҷики
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав", н.и.ф., дотсент: Аҳмадов С.
**Котиби илмӣ,** номзади илмҳои филология: Пирхонова Қ.
*Имзои Д.С. Қодиров, С. Аҳмадов ва Қ. Пирхоноваро тасдиқ менамоям:*
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Данғара" Ҷаббори Н.Ҷ.